«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло академик Салимӣ Н.Ю.________
«__»____________ 2019 с.

Хулосаи
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсияи Раҷабова Марям Садриддиновна «Ҷойгоҳи пораҳои манзум дар рисолаҳои мансури ирфонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Дар давраи омода кардани диссертатсия унвонҷӯ Раҷабова Марям Садриддиновна ҳамчун устоди муассисаи таҳсилоти умумии №1 ба номи Борон Назурови ноҳияи Ёвон фаъолият кардааст. Дар соли 2000 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст.

Шаҳотаднома оид ба имтиҳонҳои минимуми номзадӣ дар 14 феврали соли 2019 аз ҷониби Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Муҳаммадиев Шамсиддин, номзади илмҳои филология, ходими пешбари калони шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 сентябри соли 2015 (суратмаҷлиси №5) тасдиқ гардидааст.

Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Дар диссертатсия мавқеъ, ҷойгоҳ ва нақшу нуфузи порчаҳои манзум дар рисолаҳои таълимӣ ва ахлоқию ирфонии аҳли тасаввуф дар асарҳои XI-XIII баррасӣ шудааст. Таҳқиқу баррасии ҷойгоҳи пораҳои манзум дар рисолаҳои ирфонӣ ва, пеш аз ҳама, осори муҳимми таъсиргузори ин тоифа чун «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷмуддини Розӣ, «Тамҳидот»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, «Авориф-ул-маориф»-и Шаҳобуддини Суҳравардӣ зарурати омӯзиши мавзӯъро ташкил медиҳад.

Диссертатсия дар асоси равишҳои тавсиф ва таҳлили адабӣ ва муқоисавӣ-таҳлилӣ таълиф шудааст. Ҳамчунин унсурҳои дигари равишҳои таҳқиқи матни адабӣ ва маъхазҳои адабӣ, манбаъҳои назарии тасаввуф ва ирфон, шарҳи аҳвол ва бузургони сӯфия дар садаи XI-XIII мавриди истифода қарор гирифтааст. Методи таҳлили адабиётшиносӣ ва муқоисавӣ-таърихӣ бештар истифода шудааст.

Дар диссертатсия чунин вазифаҳо баррасӣ шудааст:

- таҳқиқу баррасии ашъори мавҷуд дар «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷмуддини Розӣ ва «Тамҳидот»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва таснифу таҳлили мавзӯӣ ва бадеии онҳо;
- муайян ва мушаххас намудани ҷойгоҳи шеър дар «Кашф-ул-асрор»-и Рашидуддини Майбудӣ;
- истифода ва корбурди саҷъ дар рисолаҳои тасаввуфии асрҳои XI-XIII;
- мавқеи навъи адабии рубоӣ дар рисолаҳои мансури асрҳои XI-XIII;
- муайян кардани нақшу нуфузи анвои шеъри рисолаҳои таълимӣ, ахлоқӣ ва ирфонии асрҳои XI-XIII форсии тоҷикӣ.

Манбаъҳои асосӣ дар таҳқиқот рисолаҳои мансури сӯфиёнаи орифони қарнҳои XI-XIII ва, пеш аз ҳама, «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷмуддини Розӣ, «Тамҳидот»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, «Кашф-ул-

асрор»-и Рашидуддини Майбудӣ ба ҳисоб мераванд. Гузашта аз ин, рисолаҳои мансури Азизуддини Насафӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Шаҳобуддини Суҳравардӣ, Шайх Фаридуддини Аттор, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва дигарон, ки дар онҳо пораҳои шеърии фаровон бо ҳадафҳои таълимию ахлоқӣ ва ирфонӣ ташкил медиҳанд, зимнан барои муқоиса таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Дар диссертатсия сайъ шудааст, ки паҳлӯҳои номакшуфи корбурди назми орифона, ҷойгоҳу нақши он дар рисолаҳои мансури ирфонии асрҳои XI-XIII мавриди таҳқиқ қарор гирад. Муайян шудааст, ки ашъори ирфонӣ новобаста ба вазъи иҷтимоӣ дар таҳкиму густариши забону адабиёти форсии тоҷикӣ, дар соҳаҳои илм, фалсафа, калом, шарҳи матнҳои муқаддас аз тарафи муаллифон бо санъати сухан ороста гардида, дар байни табақаҳои мухталифи ҷомеа ҳамчун воситаи муҳимми тарғиби ахлоқ дар ташаккули инсони комил нақш доштааст, ки асрҳои аср дар саҳифаҳои заррини таърихи адабиёт хазина гашта аҳаммияти умумибашариро касб намудааст.

Мақсад аз таълифи рисола таҳқиқи ҳамаҷониба ва густардаи ҷойгоҳи порчаҳои манзум ва анвои мухталифи онҳо дар асарҳои мансури сӯфиёнаи асрҳои XI-XIII форсии тоҷикӣ мебошад.

**Навии таҳқиқ** дар таҳқиқи ашъори рисолаҳои мансури зиёди ахлоқӣ, таълимӣ ва ирфонии асрҳои XI-XIII ва арзишҳои адабии ин гуна осор, ки дар адабиётшиносии тоҷик бори нахуст дар шакли рисолаи алоҳида ва монографӣ сурат мегирад, падидор мегардад. Ҳамчунин бори нахуст қисмате аз ашъори чунин рисолаҳо аз нигоҳи адабиётшиносӣ таҳлилу баррасӣ ва санъатҳои бадеии лафзию маънавии онҳо муайян гардида ва арзишҳои адабии онҳо нишон дода шудааст.

**Натиҷаҳои тадқиқот** дорои аҳаммияти амалӣ мебошад, ки маводи онро метавон дар:

- омӯзишу таҳқиқи асарҳои таълимӣ, ахлоқӣ, ирфонӣ дар асрҳои баъдӣ истифода намуд;

- дар таълифи таърихи адабиёти асрҳои ёдшуда, бахусус, адабиёти тасаввуфии ин давра метавон истифода кард;

- маводи корҳои курсию дипломии донишҷӯён;

- таълими курсҳои махсуси донишкадаву таълимгоҳҳои ҷумҳурӣ;

- навиштани китобҳои дарсии таърихи тасаввуфи асрҳои XI-XIII;

**Асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқро** асарҳои илмию назарии олимони шинохташудаи хориҷию ватанӣ чун Қосими Ғанӣ, Забеҳуллоҳи Сафо, Муҳаммадтақии Баҳор, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Бадеъуззамони Фурӯзонфар, Муртазо Мутаҳҳарӣ, Алиасғари Ҳалабӣ, Р. Николсон, Е. Э. Бертелс, Н. Пригарина, Р. Ҳодизода, А. Сатторзода, А. Насриддинов, Ф. Насриддинов ва дигарон ташкил мекунанд.

**Аҳаммияти назарии** диссертатсия дар муайяну мушаххас намудани ҷойгоҳу нақши ашъор ҳамчун воситаи муассири таъсир ба хонанда ва такмилкунандаву таъминкунандаи ҷанбаҳои зебоишиносии асарҳои мансури таълимию ахлоқии тасаввуф дар асрҳои XI-XIII бозтоб ёфта, дар баррасиҳову таҳлили муаллиф ин сифатҳои ашъори истифодашуда хотирнишон гардидаанд.

**Автореферат ва мақолаҳои** ба табъ расидаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро ифода менамоянд.

Дар асоси баррасии диссертатсия қарори зерин қабул карда шуд:

Диссертатсияи «Ҷойгоҳи пораҳои манзум дар рисолаҳои мансури ирфонӣ» Раҷабова Марям Садриддиновна кори анҷомёфтаи илмӣ ҳисобида шуда, барои ҳимоя ва дарёфти номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик дар Шӯрои ҳимояи назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ қабул карда шавад.

Диссертатсия дар маҷлиси васеи шуъбаҳои таърихи адабиёт, фолклор ва адабиёти муосир ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Дар ҷаласа иштирок карданд 22 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 22 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №_9_ аз _12.03_ соли 2019.

Раиси ҷаласаи васеъ:
доктори илмҳои филология,
профессор, мудири шуъбаи
таърихи адабиёт Сатторов Абдунабӣ

Котиби илмӣ,
номзади илмҳои филология Маликова А.

«_14_» _03_ соли 2019

«Имзои Сатторов Абдунабиро тасдиқ мекунам».
Нозири калони кадри Институти забон ва адабиёти ба номи
Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ Муродова С.